# Занҳои тавба кунанда

[ Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية ]

**Абумарям Маҷид Фатҳи Сайид**

Мутарҷим: Муҳаммад Шарифи Одина

2011 - 1433

IslamHouse.com

# ﴿نساء تائبات﴾

«باللغة الطاجيكية»

أبومريم مجيد فتحي سيد

ترجمة: محمد شريف آدينه

2011 - 1433

IslamHouse.com

ФАҲРАСТ

Муқаддима

Тавбаи зани саркаш

Тавбаи духтар аз муҳаббат

Тавбаи Хоҳарон

Тавбаи канизаки подшоҳи Басра

Тавбаи зан аз як сухани бад

Тавбаи канизи мафтуну шайдогашта ба ҷамолаш

Тавбаи зани…

Тавбаи як зан аз фитнаи мардон.

Зани соҳиб ҷамоле, ки дар макка Зиндагӣ мекард

Тавбаи зане назди каъба

Тавба аз зоиъ кардани вақт

Тавбаи зан аз фитнаи ҷавонон

Тавбаи зан аз рузҳои дар ғафлат Гузарондааш

Тавбаи зане назди каъба

Тавбаи зан аз айш ва зиндагии Шоҳона

Тавбаи зан аз зино

Тавба аз норизои бар тақдир

Иршоди илоҳӣ барои Тавбаи насух

Даъвати пайғамбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои Тавбаи насуҳ

Даъвати салафи солиҳ ба суи Тавба ва тарғиб бар он.

Фоидаҳои дуняви ва ухравии тавба

Бидъатҳо хатоҳо ва гуноҳон дар Роҳи тавба

## Муқаддима

Хоҳари мусулмон!

Оё чунин нест, ки ҳар яки мо гуноҳу хатоҳои зиёд дорем?

Оре! Локин оё ҳамаи ин моро аз раҳмати беканори илоҳи ноумед месозад? Оё гуноҳон моро аз мағфирати васеъи Парвардигори ғафур маъюс мегардонад?

Хоҳари мусалмон, ба ин ҳадиси қудси бингар, ки Худованди мутаъол моро даъват намуда чунин мефармояд:

Эй фарзанди одам рости ҳар қадаре дуъо карди ва умед намуда талаби мағфират карди аз мн ҳамаи гуноҳонатро омурзидан ба ман мушкиле нест.

Эй фарзанди одам! Агар гуноҳони ту аз бузурги ба осмон бирасанд ва аз ман талаби мағфират намуди туро афв хоҳам кард.

Эй фарзанди одам! Агар хатоҳои ту заминро пур сохта бошад ва ҳангоме, ки фардои қиёмат бо ман ру ба ру мешави, агар дар дунё чизеро ба ман шарик нахоста боши туро бо мағфират ва омурзиши васеъ беканоре ру ба ру мешавам.

Хушо ба ҳоли хоҳари азизе, ки гуноҳони худро ба тавба бишуяду аз хатоҳояш пеш аз рафтани вақт яъне марг боз гардад ва тавба кунад!

Киро диди, ки аз ин мусибатҳо ва офатҳои дунё саломат монда бошад!?

Киро тандуруст мушоҳида намуди, ки бемор нашуда бошад?

Кадом ҳаётест, ки марг поёнаш нагардид!?

Кадом умрест, ки бо гузашти лаҳзаҳо тамом нашуд!?

Пас эй соҳиби хатоҳо, ашкони равони ту куҷост**?**

**Эй пайрави гуноҳон, барои гуноҳони гузаштай** худ гиря кун!?

Эй ошкорсозандаи бадиҳо оё дар дузахи сузон сабру тоқат метавони кард?

Во афсус бар ту ки замони маргат фаро расид, вале тавба накарди! Дареғу ҳасрат барои ту вақто, ки ба суи тавба даъват шуди лаббайк нагуфти ва ҷавоб надоди. Вақто, ки ба кучбаст фаро хонда шавию омодаи сафар набоши чӣ хоҳи кард?

Оё ту касе нести, ки ба гуноҳони кабира омехтию Парвардигоратро нозиру муроқиб надонисти?

Хоҳари мусалмон! Воқиъан вақти он расидааст, ки ба суи Парвардигорат бо тавбаву надомат бигарди. Ин садои зани тавбакунанда мебошад. Садои он занро бишнав ва аз тавбааш панд бигир.

Эй он, ки дилаш сахтар аз санг гардида!

Дар ин саҳифаҳое, ки дар он садои зани тавбакунанда дарҷ шудааст, андеша намо! Шояд, ки ба худ биойву худро маломат намуда аз корҳои зишт даст бикаши!

Эй онки гуноҳонаш зиёд шудаву саъсиятҳояш ба осмон расидаанд, садои ин занро бишнав ва дар он фикр бикун ва андеша бирон. Ин чанд саҳифаест, ки дар он ахбор ва аҳволи занони тавбакунанда аз гуноҳашон ва талошварзанда бар пушидани айбҳои худ ба хушнуд сохтани Худованди мутаъол ҳамроҳ бо баъзе саҳифаҳои дигае, ки дар онҳо туро ба суи тавбаи насух пеш аз фаро расии аҷал ва ҷудошудан аз дуру наздик ва аҳлу рафиқ фаро мехонанд, нигошта шудааст.

Хоҳари мусалмон!

Ҳамаи мо рости гуноҳ кардаем ва ҳар яки мо муҳтоҷ ба тавбае мебошем, ки моро ба суи раҳмат ва мағфирати Худованд бубарад ба тоъати У кумак намояду аз гуноҳ ва саркаши аз амраш боз дорад.

Ҳоло туро бо ин рисола (садои зани тавбакунанда) гузошта ва аз Худованди мутаъол тавфиқ ва ростию дурустиро дар кирдору гуфтор талаб дорам.

Гувоҳи Худованд ончиро, ки дар синаҳост медонад басандааст.

Ба навиштани ин рисола ба ҷуз ислоҳ қасди дигаре надоштам, ва он қадаре У таъоло ба ман қуввату тавфиқ ато карда буд дар ин маврид ба харҷ додам. Бидуни тавфиқ ва мадади Парвардигор ба ҳеҷ кори хайре қодир нестам, ба он зоти пок таваккал кардам ва наздаш тавба намудам.

Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ.

Нигоштаи Абумарям Маҷдӣ фатҳӣ Сайд Иброҳим

Танто- Миср .

## Васфи қуръон занони некукорро

Хоҳари мусалмон, биё назаре ба Қуръони карим биафканем то бубинем, ки Худованди мутаъол сифати занони некро онҳоеро, ки аз гуноҳони худ тавба намуда ба тоъати У таъоло боз гаштаанд, чи гуна зикр намудааст:

﴿عَسَىٰ رَبُّهُۥٓ إِن طَلَّقَكُنَّ أَن يُبۡدِلَهُۥٓ أَزۡوَٰجًا خَيۡرًا مِّنكُنَّ مُسۡلِمَٰتٖ مُّؤۡمِنَٰتٖ قَٰنِتَٰتٖ تَٰٓئِبَٰتٍ عَٰبِدَٰتٖ سَٰٓئِحَٰتٖ ثَيِّبَٰتٖ وَأَبۡكَارٗا ٥﴾ [التحريم ٥]

«Агар пайғамбар талоқ кунад шуморо зудаст Парвардигори У иваз диҳад уро занони дигар беҳтар аз шумо! Гардан ниҳодагон, имондорон истодашавандагон дар намоз, тавбакунандагон, ибодаткунандагон, рузадорандагон, бевагон ва (бархи дигар) духтарон». (Таҳрим ояти-5)

Акнун ба гулшани занони тавбакунанда дохил мешавем ва бар ҳоли эшон ошнои пайдо менамоем то аз ҳаёташон панд бигирем.

والله الهادي إلي الصواب

Аллоҳ таъоло касро ба роҳи ҳақ ҳидоят кунанда аст.

## Тавбаи зани саркаш

Ҳасани Басри (разияллоҳу анҳу) чунин ҳикоят мекунад, ки зане буд ниҳоят бадкору саркаш ва дар ҳусну ҷамол ҳамто надошт. Дар бадали сад динор иззату иффати худро ба ҳар кас мефурӯхт. Рузе обиде ӯро диду мафтуни ҳусн ва ҷамолаш гардид.

Обид, ки фақир буд ва қудрати сад динорро надошт баҳри пайдо намудани он бакор машғул гардида сад динор пайдо намуд, назди он зани саркаш омада гуфт: Рости ҳусну ҷамоли нозанини ту маро моту маҳбут сохт ва ман ба хотири висоли ту заҳмати зиёд кашидам, то сад динор ба даст овардам. Зани бадкор ба он обиди мафтун гуфт: Ба хона даро.

Обид дохили хона гардида болои кате, ки онҷо буд нишаст. Зани саркаш гуфт: Наздик шав.

Вақто, ки обид ба зан наздик шуд, фардои қиёмат истоданашро назди Худованд чунин ба ёд овард, аз тарс ба ларза даромад.

Ба зан гуфт: Ин сад динор аз они ту бигзор маро ки берун равам.

Зан гуфт: Туро чи шуд?

Чун маро диди ошиқ шудию худро хаста сохта сад динор ҷамъ намуди ва акнун, ки ба мақсад расиди…?

Он марди обид гуфт: Аз Худо тарсидам ва саволу ҷавоби наздаш чун ба ёдам расид, ба назарам хело бад гашти ва ҳоло ту дар назарам бадтарини инсонҳо мебоши.

Зан гуфт агар дар ин гуфтаи худ рост боши, барои ман ғайри ту дигар шавҳаре нест ва нахоҳад буд.

Марди обид гуфт: Маро бигзор, ки берун равам.

Зан гуфт: На, то бо ман аҳд набанди берун нарави.

Обид гуфт: На он зан гуфт: Ман болои ту ҳаққе дорам ва он ин аст, чун пешат омадам маро никоҳ куни марди обид гуфт: Шояд.

Баъди ин марди обид бо сад надомату хиҷолат ба шаҳри худ баргашт.

Зан низ аз корҳои кардаи худ сахт пушаймон шуда, бо тавбаву надомат шаҳри худро тарк намуду дар суроғи шаҳри обид баромад.

Чун ба он шаҳр расид ва аз ному нишонаш пурсид, ӯро пайдо кард. Ба обид гуфтанд, ки маликае дар суроғи ту омадааст.

Вақто, ки обид ба истиқболаш баромаду ўро бидид, он манзараи ҳозир шуданаш назди Аллоҳ таъоло ба ёдаш расид аз тарси он руз садое кашиду бимурд.

## Тавбаи духтар аз муҳаббат

Бакр писари Абдуллоҳи Мазани чунин ривоят мекунад : Қассобе духтари ҳамсояашро бениҳоят дӯст медошт.

Рӯзе аҳли хонаи духтар ҷиҳати кадом коре духтарро ба деҳаи ҳамсоя фиристоданд.

Қассоб танҳо духтарро ғанимат дониста, аз дунболи ӯ бирафт. Дар нисфи роҳ аз духтар талаб намуд, ки бо ӯ ҳамбистар шавад ва ин хоҳишашро рад накунад.

Духтар гуфт:

Ин кори бадро бо ман анҷом мадеҳ! Зеро ман низ туро бениҳоят дӯст дорам, вале аз Худованд метарсам.

Қассоб гуфт:

Ту аз Худо метарсию ман не!

Сипас аз кори худ сахт пушаймон шуда бо тавбаву надомат ба тарафи деҳааш баргашт. Ҳаво гарм буд қассоб дар роҳ сахт ташна шуда, аз ташнаги қариб бимирад. Ногоҳ пайғамбаре аз пайғамбарони бани Исроил ӯро дида пурсид:

Туро чи шудааст?

Қассоб гуфт:

Бисёр ташнаам.

Пайғамбари бани Исроил ба ӯ гуфт.

Биё дуъо намоему аз Худованд бихоҳем, ки абре моро то расидани деҳа соябони кунад.

Қассоб гуфт:

Маро ҳеҷ амали неке нест, то онро восита бисозам ва дуъо бикунам.

Пайғамбар гуфт:

Ман дуъо мекунам ва ту омин бигу. Пайғамбар дуъо намуду қассоб омин гуфт.

Баъди ин абре пайдо шуду онҳоро то деҳа соябони намуд.

Пайғамбари бани Исроил гуфт:

Хаёл намудам, ки туро ҳеҷ амале нест, локин ман дуъо намудаму ту омин гуфти, ки ин абр болои мо соя меафканад.

Бароям бигӯ, ки чи амали неке анҷом додаи?

Қассоб саргузашти худро бо духтари ҳамсояаш баён кард.

Пайғамбари бани исроил гуфт:

Тавбакунандаро пеши Худо мақому манзалатест, ки ҳеҷ касе онро надорад!

## Тавбаи Хоҳарон

Саид писари Омир мегӯяд, ки Ҳасани Абуҷаъфар бароям чунин ҳикоят кард.

Луқмони ҳабаши ғуломе буд.

Рузе хоҷааш ӯро барои фурӯхтан ба бозори ғуломон овард. Ҳар касе, ки барои харидани вай меомад, Лумон аз ӯ мепурсид, маро ба хотири чи мехари?

Марди харидор мегуфт, туро ба фалон ва фалон корҳо машғул месозам.

Луқмон мегуфт, маро нахар. Дар охир харидоре барояш гуфт, ки туро дарвозабон месозам. Ба ӯ гуфт, маро бихар. Мард ӯро харид. Он мард се духтар дошт, ки ҳар сеи он фоҳишаву бадкор буданд. Мард ба киштзори худ берун рафту ба ғуломаш, Луқмон чунин таъкид намуд. Ман таъому шароби онҳоро додаам. Вақто, ки берун шудам, дарро баста кун ва дар пушти дарвоза биншин ва то омадани ман дарро боз накун.

Ҳангоме, ки мард берун шуд, духтаронаш омада, ба Луқмон гуфтанд, дарро боз кун.

Ғулом аз амри онҳо саркаши намуду дарро боз накард. Онҳо бо ғазаб омада, сари ғуломро

кафонданд. Ғулом сару руи худро аз хун пок карду пушти дар нишаст.

Он мард аз киштзораш омад, вале ғулом ўро чизе нагуфт. Боз рўзи дигар мард ба киштзори худ рафту ба ғулом таъкиди пешинаро кард. Вақте, ки мард берун шуд, духтаронаш омада ғуломро ба кушодани дар маҷбур намуданд. Аммо ў дарро барои онҳо накушод. Боз онҳо ба қаҳру ғазаб омада, сарашро кафонданд. Вақто, ки хоҷааш омад ўро аз моҷаро хабар кард.

Ин ҳолатро духтари калониаш дида гуфт, чаро ин ғуломи ҳабаши ба итоъати Худо аз ман беҳтар аст? Савганд ба Худо аз ин кори худ тавба намуда, ба худо боз мегардам. Инро гуфту тавба кард.

Хоҳари хурди низ чунин гуфта аз кори бади худ тавба намуду ба Худованд боз гашт.

Хоҳари сеюми низ гуфт, чаро ин ҳарду ва ғуломи ҳабаши дар тоъати Худо аз ман беҳтаранд? Савганд ба Худо ҳатман тавба намуда ва ба итоъати худо боз мегардам.

Ва ба итоъати Худо боз гашт.

Ҳамаги тавба намуданд ва аз ҷумлаи бетарин занони обиду порсо гаштанд.

## Тавбаи канизаки подшоҳи Басра

Аз Молик ибни Динор чунин ривоят шудааст.

Рӯзе Молик писари Динор дар кӯчае аз шаҳри Басра мерафт, ки ногаҳ канизе аз канизони подшоҳеро дар асп савор дид, ки ҳамроҳаш ходимони зиёд буданд. Вақте, ки Молик ӯро бидид, гуфт: Эй каниз, оё туро хоҷаат мефурушад?

Каниз гуфт: Эй шайх чи гуфти?

Шайх гуфт: Оё туро хоҷаат мефурӯшад?

Каниз гуфт: Агар маро фурушад, шахсе мисли ту маро мехарад?

Шайх гуфт: Оре, беҳтарин шахс!

Каниз аз ин сухан ба ханда омаду сипас амр кард, то шайхро ба хаймааш биёрад.

Каниз ба назди хоҷаи худ даромада, ӯро аз моҷарои байни ӯ ва шайх огоҳ намуд. Подшоҳ хандиду ба дохил шудани шайх иҷозат дод.

Шайх назди Подшоҳ даромад.

Каниз бошад кайҳо ҳайбати ӯро дар дили хоҷааш андохта буд.

Подшоҳ гуфт: Чи ҳоҷат дори?

Шайх гуфт: Канизи худро ба ман бифуруш.

Подшоҳ гуфт: Оё қудрати адои қиматашро дори?

Шайх гуфт: Қимати ў назди ман аз ду донаи пуч беш нест.

Аҳли маҷлис ҳама ханда намуданду гуфтанд: Чи гуна нархи ў назди ту ин аст?

Шайх гуфт: Зеро айбҳои бешумор дорад.

Гуфтанд: Чи айб дорад?

Гуфт: Агар ба баданаш атр накунад, аз ў бўи бад ояд. Агар мисвок накунад, аз даҳонаш бўи бад ба машом расад. Агар сарашро рўғану шона накунад жулида гардида, шапуш кунад. Агар каме аз умри ў равад, пир гардад. Туро шояд дўст надорад, магар барои нафсаш бо ту муҳаббат накунад магар барои меҳри дилаш, на ба аҳди ту вафо кунад ва на дар муҳаббат бо ту содиқ бошад. Ҳар ки мисли ту баъди ту ўро соҳиб шавад, ўро мисли ту бидонад. Ман бидуни қимате, ки ту дар канизи худ пурсиди канизе хоҳам гирифт, ки аз насли куфур халқ шуда аст. Агар оби даҳонаш бо оби шур омехта гардад, ширин шавад. Агар бо суханаш мурдаеро фарёд кунанд, лаббайк

бигӯяд. Агар банди дасти ӯ ба офтоб зоҳир гардад, пеши нури он хираву торик намояд. Агар дар шаб зоҳир шавад, нураш дурахшад. Агар офоқро бо зару зевараш ороста сози, зебо гардад . Миёни боғи мушку анбар ба воя расидаасту дар кунчи бӯстон хайма задааст. Ғизояшро оби тасним бошад (обе дар ҷаннат). Ба аҳди худ хилоф накунаду меҳру муҳаббаташро табдил насозад. Пас кадом инҳо шоистаи қимати гаронанд.

Подшоҳ гуфт: Оне, ки сифат карди.

Шайх гуфт: Қимати ӯ мавҷуд ва қариб аст.

Подшоҳ гуфт: Раҳмати худо бар ту бод, қимати ӯ чист?

Гуфт: Осону дастёб, шаб барои Парвардигорат холис ду ракаъат намоз бигзор. Вақто, ки таъоматро гузоштанд гуруснагиатро ёд кун ва розигии худоро бар шаҳвати худ ихтиёр намо. Аз роҳ сангу чизҳои азият диҳандаро дур бисозу, рӯзҳои худро бо доштани як луқма нон сипари кун . Ҳиммататро ба ғайрат биёр ва худро аз дори ғафлат берун ор. Дар дунё ба иззати қаноъат зиндаги намо, то фардо ба мақоми каромат саломат биёиву дар биҳишти ҷовидона дарои!

Подшоҳи Басра гуфт: Эй каниз шуниди, ки шайх чи гуфт?

Каниз гуфт: Оре

Подшоҳ гуфт: Рост гуфт ё дурӯғ?

Каниз гуфт: Бале рост гуфту нек гуфт ва хайр хоҳи кард.

Подшоҳ гуфт: Пас ту *ливаҷҳиллоҳ* (аз барои худо) озод шуди ва фалону фалон киштзорро бар ту садақа кардам.

Каниз гуфт: Эй хоҷа маро баъди ту зиндаги набошад.

Ҳарду тарки ишрату хушгузарони дунё карда, ба ибодат пардохтанд. Ҳардуи онҳо бақияи умри худро дар тоъати дини Аллоҳ таъоло сипари намуданд ва дар ҳоли ибодат ҷони хешро ба ҷонофарин таслим карданд ва аз олами фони ба олами бефано раҳти сафар бастанд.

## Тавбаи зан аз як сухани бад

Марвон писари Муҳаммад мегӯяд:

Узза ки ӯро маҳбубаи Қусайир мегуфтанд, назди Уммулбанин, духтари Абдулазиз хоҳари Умар ибни Абдулазиз дохил шуд. Уммулбанин гуфт: Эй Узза ин шеъри Қусайирро чи маъно дорад?

تضي كل ذي دين علمت غريمه ـ و عزة ممطول معني غريمها

Тарҷимаи шеър:

Ҳар қарздоре, ки мешинохтам қарзи соҳиби молро адо кардаанд, вале Узза ончиро бояд аз касе қарздор аст, адо кунад, кашол медиҳад.

Узза гуфт: Маънои он қарз аст.

Уммулбанин гуфт: Чи қарз аст, ки ӯро ёд мекунам?

Узза аз ҷавоб хиҷолат кашид ва шармида гуфт: Маро бубахш, ки гуфта наметавонам.

Уммулбанин гуфт: Зарур аст, ки ту маро аз он огоҳ бисозӣ.

Узза гуфт: Ӯро бусае ваъда карда будам, вале вақто, ки ба ин мақсад наздам омад, ин кор бароям хело

гарон афтода, аз Аллоҳ таъоло тарсида ба ваъдаи худ вафо накардам.

Уммулбанин ба вай гуфт: Ба ваъдаи худ вафо кун, гуноҳаш дар гардани ман. Лаҳзае пас аз гуфтааш пушаймон шуда худро маломат кард ва аз Худованд талаби мағфират ва омурзиш намуд.

Ба хотири кафорати ин сухани гуфтагиаш 40 ғулом ва дар баъзе дигар ривоятҳо 70 ғуломро озод сохт. Ҳар гоҳ, ки ин сухан ба ёдаш меомад, гиря менамуд, ҳатто ки аз гиряи бисёр рӯймолаш тар мешуду мегуфт: Эй кош ҳангоми гуфтани ин калима забонам гунг мегардид ва онро ба забон оварда наметавонистам!

Тоъату ибодати зиёде мекард, ки дар асраш намунаи замон гардида, мардум азӯ ҳамчун худотарстарин зан ёд мекарданд.

## Тавбаи канизи мафтуну шайдогашта ба ҷамолаш

Сулаймон ибни Холид мегӯяд: Барои Ҳишом ибни Абдулмалик хабар доданд, ки яке аз занони Куфа духтаре дорад ниҳоят зебо буда дар ҳусну ҷамол ва ақлу камол бартари дошта қории Қуръону ровии ашъор мебошад.

Ҳишом амр кард, ки ба волии Куфа номае бинависанд ва он каниз духтарро ба ризои соҳибаш харида ба наздаш биёварад.

Барои анҷоми ин кор ходимеро низ фиристод.

Ҳангоме, ки нома ба волии куфа расид, ӯ нафареро назди он пиразан фиристоду каниздухтари ӯро ба ду ҳазор дирҳам ва як боғи хурмо, ки аз он ҳарсол панҷсад мисқол фоида мегирифт харид. Сипас ӯро бо сару либоси зебо ороста карда, пеши Ҳишом овард.

Ҳишом ӯро ҳамроҳ бо ходимон ба қасри хос барои ӯ даровард ва амр кард, то вайро либосҳои гуногуну рангоранг пушонида, бо зару зевар оростааш намоянд, он қасрро колинҳои зебову пурқиматро биандозанд. Рӯзе Ҳишом бо ӯ дар теппаи баланде танҳо бо ҳам нишаста, бо зарофатгӯиву шеърхони

хотири ҳамдигарро шод мекарданд, ки овози нолаи занонро шуниданд.

Ҳишом аз он баланди назар кард дид, ки гурӯҳе аз мардум тобутеро мебаранд ва занони навҳагар аз қафои он нола доранд. Яке аз он занҳо аз чунин нола кард: Фидои падарам шавам, ки барин чорпоя саворасту ба сӯи мурдаҳо мебарандаш! Дар қабраш танҳову дар лаҳад ғариб хоҳад шуд. Эй кошки ин шеъри маро мешуниди. Мисли касоне, ки бар ҳомилони худ фарёд мекунанд, ки маро ба шитоб бубаред: Яъне касоне, умрашон бо саъодат ба поён расида ва онproнро мукофоти нек дар интизораст, мебоши ё мисли онҳое ҳасти ки барои барандагонаш мегӯянд, ки маро пас бигардонед! Куҷо мебареду ба ки мегузоред? Яъне ононе, ки бадбахт бимурданд ва ононро азобҳои дарднок дар интизор аст. Баъди шунидани ин ашк аз чашмони Ҳишом чори гашту гуфт: Марг барои ибрат гирифтан кифоят кунанда аст! Он соҳиб ҷамол гуфт: Ин нолагар рагҳои диламро қатъ кард. Ҳишом гуфт: Ин кор яъне марг кори ҷиддист, ки бояд онро аз ёд набаровард ва барои рӯзи вафо расиданаш омода буд. Сипас ходимашро фарёд карду аз он баланди поён шуда рафт. Духтар онҷо танҳо монд ва аз таъсири ончи шунида буд, ба ғам фурӯ рафт ва дар он ҳол пинакаш бурд, хоб дид, ки марде ӯро мегӯяд: Эй мафтуну

шайдо ба ҳусну зебогият! Вақто, ки рӯзи ҳашр шуду мардум ҳама бо аъмоли худ назди Аллоҳ таъоло ҳозир шаванд ва дар асоси он бо мардум муъомила сурат бигирад дар он рӯзи сахту душвор ту чи хоҳи кард?

Бо хавфу тарс аз хоб бедор шуда, ходимони худро талаб кард,то эшон обаш бидиҳанд. Тани худро шусту либосҳои пурқимат ва зеварҳои нафисро аз ҷонаш кашида либоси одди пушида ва ба назди Ҳишом омад. Ҳишомро аз он нафраташ омад. Ба сӯи Ҳишом фарёд зада гуфт: Манам канизи ту! Бимдиҳандае дар хабам омаду гӯшҳои маро таҳдидаш куфт: Ва ту он чиро мехости, аз ман даст ёфти ва ком бардошти. Омадам, то маро аз банди ғуломи озод бисози.

Ҳишом гуфт: Бирав барои ризои Худо туро озод кардам, куҷо қасди рафтан дори?

Гуфт: Зиёрати байтуллоҳро ирода дорам.

Ҳишом гуфт: Бирав касе ҳаққи онро надорад, ки манъат кунад!

Аз дори хилофат берун рафту дар ҳамсоягии Макка сукунат ихтиёр кард. Ҳар бегоҳ тавоф мекарду ба назди хаҷар-ул-асвад омада, чунин дуъо мекард: Ай

тушаи сафари ман, умедамро кач масозу маргамро бичашон ва чои бозгаштамро некӯ бисозу ба хуши биёдам бикун! Ӯ ба ин ҳол бақияи умри худро сипари мекард. Рӯзона барои ба даст овардани қути лоямуташ бо чарха ришта мересид ва чун шаб мешуд ба назди хонаи Худо ҳозир мешуд. Чаҳду машаққати зиёд дар рӯяш таъсир карда онро тағир доданд. Дар чунин ҳоли худ додаги, дар ибодат аз дунё чашм пӯшид ва бо сари баланд ба холиқаш раҳсипор гашт!

## Тавбаи зани…

Ваҳиб писари Вард раҳматуллоҳи алайҳ мегӯяд:

Рӯзе як зан ҳангоми тавоф мегуфт:

Ай Парвардигор ҳама шириниҳо ва лаззатҳо рафтанд аммо масъулият ва ҳисоби онҳо дар пеш аст.

Ай Парвардигор ба ҳурмати поки ва иззати ту, воқеъан ту меҳрубонтарини меҳрубонҳо мебоши!

Ай Парвардигор, азоби ту ҷуз оташ чизи дигар нест.

Ҳамсафари ӯ зани дигаре ба вай гуфт:

- Хоҳари азиз! Оё имрӯз ба хонаи Худо дохил шуди?

Он зан гуфт:

- Савганд ба Худо, ин дуро (ишора ба пойҳо) лоиқи тавоф кардани гирди хонаи Худо намебинам?

Пас чигуна инҳо лаёқати дохил шудан ба хонаи Парвардигорамро доранд? Ман медонам, ки инҳо куҷо мерафтанду ба чи машғул мешуданд!

## Тавбаи як зан аз фитнаи мардон

Як тоифае ба хотири ин, ки Рабиъ писари Хайсумро, ки зоҳиду порсо буд, бадкору бадроҳ бисозанд, зани соҳиб ҷамолеро 1000 динор ваъда карда, гуфтанд: Ҷамоли хешро пеши чашми ӯ зоҳир бикун ва ба нозу карашма бипардоз, шояд ӯ мафтун шуда, ба коре даст бизанад.

Зан низ либосҳои зебояшро пӯшида худро орову торо дода хушбуйтарин атрро истиъмол намуд. Вақте, ки Рабиъ аз масҷидаш берун шуд, ба наздаш омад ва ҷамолашро ошкор мекарду худро ҷилва медод.

Рабиъ аз кори ин зан таъаҷҷуб карду ба вай гуфт:

- Чи хоҳи кард, агар ба таб гирифтор шавиву ин рангу рӯ хушию шодмони ва ин ҳама зебогият тағир бихуранд?! Ҳангоме, ки малакулмавт барои қабзи руҳат дар пеши ту ҳозир шавад ва ҷонатро қабз намояд, он вақт чи хоҳи кард?! Ё ин, ки вақти суоли мункару накир чи хоҳи гуфт!

Он зан баъди шунидани ин калимот як дод заду беҳуш шуд. Вақто, ки ба ҳуш омад, аз кори бади анҷом додааш, пушаймон ва чунон бар ибодати Парвардигораш пардохт, ки рӯзи вафоташ гуи, ки аз

тарси худо дар оташ сӯхта бошад, сиёҳу лоғар мисли чӯби сӯхташуда гардида буд.

Зани соҳиб ҷамоле, ки дар Макка зиндаги мекард Рӯзе он зан ба оина назар кард ва зебои рӯи худро дида, ба шавҳараш гуфт: Оё касеро медони, ки рӯямро назар кунаду ошиқ нашавад!

Гуфт: Бале!

Гуфт: Кист?

Шавҳараш гуфт: Умайд писари Умайр (яке аз обидҳои машҳур).

Зан гуфт: Маро иҷозат бидеҳ, то ӯро мафтуни рӯи худ бисозам!

Гуфт: Бароят иҷозат додам.

Убайд писари Умайр дар масҷиди Ҳаром нишаста буд, ки зан гӯё аз ӯ фатво мехоҳад, назди вай омад.

Дар як гӯшаи масҷид нишастанду рӯи худро бараҳна кард.

Убайд барояш гуфт: Эй бандаи Худо руятро бипуш!

Он зан гуфт: Рости ман мафтуни ту гаштаам.

Убайд гуфт: Ман аз ту суол мекунам, агар рост гуфти бо ту чи муъомила карданро меандешам.

Зан гуфт: Ҳар чизе, ки мепурси бароят рост мегуям.

Убайд гуфт: Бигу, ки агар малакулмавт барои гирифтани ҷонат биояд, дар он вақт туро хуш ояд, ки ман ҳоҷати туро адо кунам?

Гуфт: Бори Худоё, не!

Убайд гуфт: Рост гуфтӣ!

Боз пурсид: Агар дар қабр барои суолу ҷавоб бишнонанд. Оё дар он вақт хуш мебоши, ки ман хоҷати туро адо кунам!

Зан гуфт: Бори илоҳо, не!

Убайд гуфт: Рост гуфти.

Гуфт: Агар номаи аъмоли мардум дода шавад ва намедони, ки номаи аъмоли худро ба дасти рост мегири ё ба дасти чап, дар ин лаҳза ман хоҷататро адо карда бошам, хуш хоҳи буд?

Гуфт: Бори Худоё не!

Гуфт: Рост гуфти.

Боз аз вай пурсид. Агар иродаи гузаштани пули сиротро карди ва худ намедони, ки оё дар ин кор комёби ё не, туро ин хуш ояд, ки ҳоҷататро адо карда бошам?

Гуфт: Бори Худоё не.

Гуфт: рост гуфти.

Убайд аз ӯ боз пурсид. Агар мизони аъмол оварда шавад ва ту низ онҷо ҳозир шави намедони, ки мизони аъмоли ту сабук аст, ё вазнин дар он лаҳза хуш мебоши, ки ҳоҷатро адо карда бошам?

Гуфт, не!

Боз аз ӯ пурсид: Агар дар пеши Худо барои суолу ҷавоб ҳозир шави, дар ин вақт хуш хоҳи буд, ки ман орзуи туро бароварда сохта бошам?

Зан гуфт: Бори Худоё не.

Убайд гуфт: рост гуфти!

Худованд бар ту неъмат дода эҳсони зиёд кардааст, аз ӯ битарс!

Зан ба хонаи шавҳараш баргашт. Шавҳараш аз вай пурсид: чи карди?

Гуфт: Ту дар ибодат заъифу ва ман заъифтарам. Баъди ин ба рӯзаву намоз ва ибодати худованд, ҳар дақиқаҳои умри худро сарф мекард. Шавҳараш аз ин ҳоли ӯ, ки доим машғули ибодат буда, чун пештара ба вай илтифот намекард, ба танг омада гуфт: Ман ба Убайд писари Умайр чи бади кардам, ки занамро нисбат ба ман кам таваҷҷӯҳ ва бе парво сохт! Ҳар шабро бароям чун аруси нав ороста буд, акнун шабро дар болои ҷойнамоз ва рӯзро рӯзадор сипари мекунад?

## Тавбаи зане назди каъба

Хоҳари азиз... ! Молик ибни динор мегӯяд:

Ваќто, ки дар каъба тавоф мекардам, духтареро дидам, ки дар пардаи каъба худро овезон намуда, мегуфт: Эй Парвардигор, лаззати шаҳватҳо рафтанд, вале ҳисоб ва масъулияти онҳо дар пеш аст! Ай Парвардигор! Ту ғайри оташи сузони ҷаҳаннам дигар ҳеҷ азобу уқубат надори!?

Молик мегӯяд, он зан то дамидани субҳ бар ҳамин ҳол буд ва ман ӯро то субҳ муроқаба мекардам. Чун шабро ба ин ҳол сипари кардам, дастамро бар сарам гузоштаму бо худ гуфтам. Моликро модараш нола кунад, ки кирдори ин як духтарак ӯро аз шаб то ба ҳол аз ибодат боз доштааст.

## Тавба аз зоеъ кардани вақт

Муъозаи Адави ҳангоме, ки рӯз мешуд мегутф:

Ин рӯзи ман аст, ки дар ин мемирам. Инро мегуфту дигар то бегоҳ, хоб намерафт. Шаб чун медорамад, мегуфт: Ин шаби ман аст, ки дар ин бимирам. Инро мегуфту то дами субҳ хоб намекард. Агар бар вай ғолиб меомад, хеста дар ҳавли як давр мезаду мегуфт: Эй нафс, хоби тулони дар пешаст! Дар қабри тангу торик ё ба ҳасрат ё бо хуши хоб хоҳи кард.

Боз чунин мегуфт:

Таъаҷҷуб мекунам аз чашме медонам, ки хоби тулоние дар қабри торик интизори вай хасту боз хобаш мебарад!

## Тавбаи зан аз фитнаи ҷавонон

Абӯ Саъид писари Абӯ Амома мегӯяд: Марду зане ҳамдигарро дӯст медоштанд. Рӯзе чун ҳарду якҷо бо ҳам нишастанд, зан аз мард талаб кард, то бо ӯ наздик шавад ва он кори нораворо анҷом бидиҳад. Мард бошад ба вай гуфт: Рости аҷалам ба дасти ман нест ва аҷали ту ба дасти ту низ намебошад. Шояд аҷаламон наздик бошад чун ин корро анҷом бидиҳем. Баъди марг бо худо ҳамчун зинокор рӯ ба рӯ мешавем.

Зан насиҳати ўро пазируфта гуфт: Рост гуфти.

Ҳардуяшон тавба намуданд ва ҳоли худро нек карданд.

## Тавбаи зан аз рӯзҳои дар ғафлат гузарондааш

Холиди Варроқ канизе дошт, ки бисёр обиду зоҳид буда, хост то аз он рӯзҳое, ки бо ғафлату кӯтоҳи гузаронидааст, тавба намояд. Дар тоъат бо ҷидди пардохт ва дар анҷоми аъмоли солеҳ бо умеди омурзиш бадиҳо ва хатоҳо кӯшид.

Холиди Варроқ қатрае аз баҳри саъю кӯшиши канизашро сифат намуда чунин мегӯяд. Канизе доштам, ки ниҳоят дар тоъату ибодат мекӯшид. Рӯзе наздаш рафта, ӯро аз рифқу раҳмати худо огоҳ сохта гуфтам, Худованд амали камро низ қабул мекунад.

Канизам гиря карду гуфт: Росташро бигӯям ман аз худованд он қадар умеди калоне дорам, ки агар онро бар кӯҳҳо гузоранд, аз бардоштанаш битарсанд, чуноне дар бардошти амонати илоҳи тоқат накарданд. Медонам лутфу карами Худованд васеъ аст, ки ба ҳар шахси гунаҳкор мерасад, аммо ман ба он рӯзи надомат ва хасрате, ки дар пеш аст, чи кунам?

Холид мегӯяд: Барояш гуфтам: Кадом ҳасрат?

Гуфт: Фардои рӯзи ҳашр, вақто ки ончи дар қабрҳост, зинда ва титу парешон шаваду некӯкорон савори аъмоли неки худ бошанду аз сирот бигзаранд. Худованд шахсеро, ки дар тоъату ибодати вай кӯтоҳи

меварзад, аз ин роҳ ҳеҷгоҳ нагузаранд, агар чи бо шикам роҳ равад.

Боз гуфт: Ҳоли ман ҳангоми марги бо алам чи хоҳад буд?

Гуфтам: Марги бо алам чист?

Гуфт: Вақте, ки мардумро дидам, ки медаванд ва аломат ва нишонаҳои некукорон баланд бардошта шаваду муштоқони худо сиротро бигзаранду дӯстони худо ба назди худованд бирасанд ва ман бошам ҳамроҳи бадкорону гунаҳгорон дар қафо бимонам.

Сипас гиря карду гуфт: Бидон ҳеҷ мониъе туро аз шитофтан дар аъмоли нек боз надорад! Зеро дигар миёни дунё ва уқбо дунё дигаре нест, ки ходимат дар он туро хидмат намояд. Афсус бар касе, ки дар хидмати хочааш кӯтоҳи меварзад ва орзуи зиёд дорад.

Боз як мисоли дигар аз тавбаи Заҷлаи обида. Мардум аз Заҷла бисёр сифатҳои некро ёд мекунанд, мегуянд: Заҷла як зани обида, парҳезгор поку порсо ва афиф мебошад. Рӯзе баъзе аз аҳли хонадонаш назди ӯ рафтанд ва аз ӯ хостанд, то дар ибодати худо низ бар нафси худ раҳм намояд, Заҷлаи обида гуфт, маро чиву бар ин нафс раҳм кардани чи? Танҳо рӯзҳои ҳаёт

шитобонанд, ки агар аз касе дар он чизе фавтид, дигар фардо ба ӯ расида наметавонад. Савганд ба худо, эй хоҳаронам то вақте, ки ҷисмам тобу тоқатро дорад, намоз мегузорам, ва то вақте, ки об дар дидагон дорам барои ризои ӯ таъоло мегирям.

Боз гуфт: Кадоме аз шумо ғуломи худро ба коре амр кунад, дӯст медоред, ки дар он амр Заҷла то дами марг бар ибодат машғул буд. Боз аз ҷумла зане аз рӯзҳои ғафлату беҳудагии худ тавба намудааст. Зане аз аҳли Басра писари Ҷубайр чунин хикоят мекунад: Касеро аз аҳли Басра надидам, ки ҳурмати байтуллоҳро хуб риъоят кунад, ё аз аҳли Басра бештар, бар вай бисёр ҳарис бошад. Шабе духтареро дидам, ки худро дар пардаи каъба овезон намудаасту бо зорию тавалло дуъо карда, мегирист ва билохира бар ин ҳолат фавтид.

Покаст парвардигори бузург.

Гиря аломати ҳасрат ва пушаймонист, бар умре, ки дар ғайри тоъати худо гузуштааст!

Гиря нишонаи ҳасрат ва пушаймони барои гуноҳони шаб ва ҷурмҳои рӯз.

## Тавбаи зане назди каъба

Саъид писари Азрақи Бохили мегӯяд:

Шаб барои тавоф дохили масҷиди ҳаром шудам. Ҳангоме, ки ман тавоф мекардам, овози гиряеро шунидам. Ба тарафи он овоз наздик шудам, дидам, ки дар кунҷи хона як зан нишаасту мегӯяд: Эй зоте, ки чашмҳо туро набинад, иштибоҳу гумонҳо бо ту омезиш наёбад, ҳаводиси замон тағират надиҳанд, восифон сифататро чуноне лозим аст, карда натавонанд. Эй зоте, ки вазни кӯҳҳо андозаи баҳрҳо ададди қатраҳои борон ва баргҳои дарахтонро медони! Эй доно, бар ададди он чизе, ки торикии шаб ва рӯшнои рӯз онҳоро фаро гирад. На осмоне осмонеро ва на замине, заминеро ва на кӯҳе ончиро, ки дар сахтиҳои ӯст ва на баҳре ончиро, ки дар қаъри ӯст ва калону хурд ва ту пинҳон карда наметавонанд.

Эй парвардигор! Охири умрамро ва анҷоми амаламро нек бисоз! Беҳтарин рӯзамро рӯзе бигардон, ки дар он рӯз бо ту рӯ ба рӯ мешавам. Хубтарин лаҳзаи ҳаётамро вақте бигардон, ки аз дорулфано ба дорулбақо, ба он дунёе, ки дар он дӯстони худро иззат бахши ва душманонатро хору залил бигардони.

Эй бори Худо, бароям офияти комиле ато фармо, ки хайри дунёву охират бошанд! Ё зулҷалоли валикром!

Ин дуъора хонду як дод зада беҳуш гашт.

## Тавбаи зан аз айш ва зиндагии шоҳона

Абушуъайби Барроси аввалин шахсест, ки дар Баррос барои худ хонае аз най сохту дар онҷо сукунат варзида ба ибодат машғул шуд.

Рӯзе духтари подшоҳе, ки дар қасри подшоҳи тарбият ёфта буд, аз назди кулбаи вай гузашт. Бар кулбаи Абушуъайб назар кард ва аз ин зиндагии вай хушаш омад ва мавъизаҳои Абушуъайб бар вай таъсир кард. Баъди ин, қасди аз дунё даст кашидан намуду ба назди Абушуъайб омад.

Абушуъайб ба ӯ гуфт: Агар чунин ирода дори худро тағир бидеҳ ва аз дори худ даст бикаш, то ончи, ки мехоҳам шоиста боши!

Духтар аз ҳамаи чизи худ даст кашиду, назди вай ҳозир шуд. Абушуъайб ӯро ба никоҳи худ даровард. Вақто, ки дохили кулба шуд гуфт: Шунида будам, ки мегуфти: Замин мегӯяд, ки эй фарзанди одам имрӯзро миёни ману худат парда месози, дар ҳоле, ки фардо дар шиками ман хоб ҳасти!?

Ҳамроҳи Абушуъайб муддати дароз онҷо бар ибодат пардохт. Ҳарду дар ин кор ҳамдигарро то дами марг кӯмак мекарданд. Ва бар ҳамин ҳолат вафот ёфтанд.

## Тавбаи зан аз зино

Умрон писари Ҳасан мегӯяд:

Зане аз зино бордор шуда назди Расулуллоҳ салаллоҳу алайҳи ва саллам омада гуфт: Эй расули Худо мустаҳиққи ҷазо гардидам, маро ҷазо бидеҳ.

Пайғамбар салаллоҳу алайҳи ва саллам соҳиби занро назди худ хонду, ба вай гуфт:

«أحسن إليها فإذا وضعت فائتي بها»

«Бавай муъомилаи нек намо ва чун таввалуд кард, ӯро биёр»

Баъди тавллуди тифл, ӯро назди пайғамбар салаллоҳу алайҳи ва саллам оварданд. Пайғамбар салаллоҳу алайҳи ва саллам амр намуд, то либосҳояшро маҳкам банданд. Сипас фармуд, то ӯро сангсор кунанд. Баъди сангсор расулуллоҳ салаллоҳу алайҳи ва саллам бар вай намози ҷаноза гузорид. Умар разияллоҳу анҳу гуфт: Эй наби-юллоҳ, оё бар зане, ки зино кардааст. Намози ҷаноза мегузори!?

Расули Худо салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт:

«لقد تابت توبة لو قسمت بين سبعين من أهل المدينة لوسعتهم وهل وجدت توبة أفضل من أن جادت بنفسها لله تعالي»

«Воқеъан тавбае намуд, ки агар миёни ҳафтод нафар аз аҳли Мадина ўро тақсим карда шавад, албатта онҳоро кифоят кунад. Оё беҳтар аз тавбае, ки барои покшудан аз гуноҳ ба хотири Худо ба ҷони худ душмани карда бошад, дидаи?»

Сухани пайғамбар салаллоҳу алайҳи ва саллам:

«أحسن إليها فإذا وضعت فائتني بها.. »

«Ба вай муъомилаи нек намо ва чун таввалуд кард, ўро биёр»

Ин сухани фармудаи пайғамбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ду сабаб дорад:

1- Бар зан хавф бурд, ки ақрабояшро нангу ор пеш наояду, ўро азият бидиҳанд. Ба эҳсон намудан, бар вай амр кард, то эшонро аз ин битарсонад.

2- Вақто, ки зан тавба намуд, расули Худо салаллоҳу алайҳи ва саллам, аз рўи шафқат, бар вай чунин амр кард. Дигаронро низ бар эҳсон ва неки бо ў тарғиб намуд, зеро табиъати мардум аз ингуна ашхос бад мебаранд. Мурод аз бастани либосҳои зан ҳангоми

сангсор ин аст, ки аврати ӯ дар аснои сангсор зоҳир нагардад. Зеро инсон ҳангоми изтироби марг ва ҷонкандан, дигар бар худ аҳаммият намедиҳад.

Аз ин сабаб назди ҷумҳури уламо зан дар ҳолати нишаста ва мардро дар ҳолати истода, сангсор карда мешавад.

Бурайда разияллоҳу анҳу мегӯяд:

Зане аз қабилаи Ғомиди назди расулуллоҳ салаллоҳу алайҳи ва саллам омада, гуфт:

Эй расули Худо маро пок бисоз!

Расулуллоҳ салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт:

Раҳмати Худо бар ту бод бирав, тавба ва талаби омурзиш кун.

Гуфт: Фикр мекунам, ки мехоҳи мисли Моъиз ибни Молик маро низ боз бигардони.

Расули Худо салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт: Чи мехоҳи?

Гуфт: Ман аз зино бордор шудам!

Расули Худо салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт: Оё ту аз зино бордоршудаи?

Гуфт: Оре!

Сипас пайғамбар салаллоҳу алайҳи ва саллам чунин фармуд: То тавалуд шудани кӯдак сабр кун.

Бурайда мегӯяд: Марде аз ансор то таваллудшудани тифл ӯро сарпарасти кард. Баъди ин назди расули Худо салаллоҳу алайҳи ва саллам омада, хабар дод, ки таваллуд кард .

Пайғамбар салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт:

«إذن لا نرجمها وندع ولدها صغيرا وليس له من يرضعه»

«Ҳоло ӯро раҷм (сангсор) намекунем, тифлаш хурд аст ва касе нест, ки ӯро парвариш кунад»

Марди ансорие гуфт: Эй набиюллоҳ.

Тарбияи тифлро ба души ман бигзоред.

Бурайда мегӯяд: Баъд ин занро сангсор карданд.

Сухани пайғамбар салаллоҳу алайҳи ва саллам:

«حتى تضعي ما في بطنك»

«То тавалуд шудани кӯдак сабр кун»

Ин сухан як чанд масаларо шомил аст:

1- Ҳомиладор то вазъи ҳамлаш сангсор карда намешавад.

Баробараст, ки ҳамли ӯ аз зино бошад, ё аз ғайри он то ҷанине, ки дар шиками вай аст, кушта нашавад. Ба ин қавл уламо иттифоқанд. Ҳамчунин агар ҳадди вай дурра задан бошад, то вазъи ҳамлаш ба иттифоқи уламо дурра зада намешавад.

2- Агар зани шавҳар дида бошад, мисли мард сангсор карда мешавад .

3- Зани ҳомиладоре, ки бар вай қасос воҷиб шуда бошад, то вазъи ҳамлаш аз вай қасос гирифта намешавад .

Боз зани ҳомиладори зинокор, то бе ниёз шудани тифл аз шир, на вайро сангсор карда мешавад ва на аз ӯ қасос гирифта мешавад ..

Аллома Бағави раҳматуллоҳи алайҳ мегӯяд, дар ин ҳадис далел бар он аст, ки ҳар вақто, ки бар ҳомила кадом уқубате муқаррар шавад, то вазъи ҳамл татбиқ намешавад. Зеро дар уқубат кардани зан, боиси ҳалок шудани шахси бегуноҳ мегардад. Фарқе нест, ки он уқубат ҳаққи Худо бошад, мисли ҳад ва ё ҳаққи банда бошад, мисли қасос. Вақто, ки таваллуд кунад, то ҷудо шудани тифл аз шир уқубат карда намешавад.

**Хоҳари мусулмон!**

Мо аз ин ҳадисе, ки хонди чанд фоида бардошт карда метавонем.

1- Пушаймони аз гуноҳ ва пок намудани нафс, агарчи ба сабаби ҳалок ҳам бошад, аз ҷумлаи ахлоқи мусулмон аст, то ин ки вақте бо Худованд мулоқот мекунад ӯ аз бандааш рози бошад.

2- Уқубати дуняви вақто, ки бо тавбаву надомат якҷо бошад, ҷурми маъсиятро мепӯшонад.

3- Ҷазои зиноро бар ҳомиладор, то вазъи ҳамлаш татбиқ карда намешавад. Агар ҳадди вай муҷиби ҷалд (дурра) задан бошад, то пок шуданаш аз нифос дурра зада намешавад. Агар ҷазои вай сангсор бошад, то бе ниёз шудани тифл аз шир сангсор карда намешавад.

## Тавба аз норизои бар тақдир

Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу мегӯяд:

Пайғамбари Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам занеро дид, ки назди қабре мегирист, ба вай гуфт:

«اتقي الله واصبري»

«Эй зан, аз Худо битарс ва сабр кун»

Он зан пайғамбари Худо саллаллоҳу алайҳи ва салламро нашинохта, гуфт: Ту аз мусибати ба ман расида, боке надори, аз ман дур шав, зеро ба мусибатам гирифтор нашудаи!

Мардум ба вай гуфтанд, ки ӯ расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст.

Аз ҳоҷат ва ҳайбати пайғамбар монанди марг тарсид ва ба остонаи хонаи он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам омада, ҳеҷ дарбонеро надид. Гуфт: Эй расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам бубахшед, шуморо нашинохтам. Пайғамбари Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ӯ гуфтанд:

«إنما الصبر عند الصدمة الاولى»

«Ҳамоно сабр дар баробари мусибати нахустин аст»

Яъне сабре, ки дар муқобили он бандаро аҷру савоб аст, он ҳангоми аввали мусибат мебошад.

Баъди гузашти чанд муддат, банда худ аз худ тасалли ёфта ором мешаваду сабр менамояд.

Аз ин ҳадисе, ки зикр намудем, чанд фоидаи дигаре бардошт кардан мумкин аст:

1- Баёни тавозӯъ ва рифқи пайғамбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар шахси ҷоҳил ва гузашт аз шахси мусибатзада. Ин чунин қабули узри вай ва лозим донистани амр ба маъруф ва наҳй аз мункар.

2- Барои қози лоик нест, ки шахсеро дарбони худ бигираду, ӯро аз ҳалли эҳтиёҷоти мардум боз дорад. Ҳамчунин ҳар касеро, ки насиҳат карданд, бояд насиҳатро қабул кунад.

3- Бесабри ва ношикебои дар мусибат мамнӯъ мебошад. Зеро пайғамбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ӯро ба тақвое, ки бо сабр якҷост, амр намуд.

4- Танбеҳ бар ин, ки дар насиҳат намудан ва мавъиза кардан, эҳтимол аст, ки ба насиҳаткунанда азият дода шавад.

## Иршоди илоҳи барои

## Тавбаи насуҳ

Хоҳари мусулмон!

Худованди мутаъол мо ва шуморо ба сӯи тавбаи насуҳ иршод намуда мефармояд.

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ تُوبُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ تَوْبَةً نَّصُوحًا ۝٨﴾ [التحريم ٨]

«Эй муъминон ба сӯи Аллоҳ тавбаи холис кунед» (Таҳрим: 8)

Дар баёни маънои калимаи насуҳ ақволи саҳобагону тобеъин зиёд аст, аз ҷумла:

Ибни масъуд разияллоҳу анҳу чунин мегӯяд:

Тавбаи насуҳ тавбаест, ки баъди вай дигар бозгашт ба гуноҳ нест. Чуноне, ки шир дигар бар пистон пас нагардад.

Умар разияллоҳу анҳу мегӯяд:

Тавбаи насуҳ ин аст, ки аз гуноҳ тавба намои дигар боз ба он бар нагарди ва иродаи гаштанро надошта боши.

Саъд ибни Ҷубайр разияллоҳу анҳу мегӯяд:

Тавбаи насуҳ тавбаи мақбул аст. Модоме, ки дар он се шарт набошад мақбул нест:

1- Хавф аз ин, ки қабул нашавад.

2- Умед бар ин, ки қабул шавад.

3- Истимрор (бар давом) ва пайвасти ҳамешаги бар тоъату ибодат .

Ҳасани Басри раҳматуллоҳи алайҳ мегӯяд:

Тавбаи насуҳ ин, ки гуноҳеро, ки дӯсташ дошт, бад бинад ва ҳар вақто, ки ба ёдаш омад, талаби мағфират кунад.

Муҳаммад писари Каъби Қарзи раҳматуллоҳи алайҳ мегӯяд.

Тавбаи насуҳро ҳамроҳ чор чиз аст:

Истиғфор бар забон, боз истодан ва раҳо кардани вай бо бадан, боз нагаштан дар замир ва тарки гуноҳ.

Фузайл писари Аёз раҳматуллоҳи алайҳ мегӯяд:

Тавбаи насуҳ ин, ки гуноҳ пеши чашмони вай бошаду гуё ҳамеша ба он назар мекунад.

Хоҳари мусулмон! Худованди мутаъол боз ба сӯи тавбаи насуҳ иршод намуда мефармояд:

﴿وَتُوبُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ جَمِيعًا أَيُّهَ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ﴿٣١﴾﴾ [التحريم ٨]

«Ва тавба кунед ба сӯи Аллоҳ ҳама эй муъминон, шояд растагор шавед…» Нур: 31

Қуртуби ин оятро чунин тафсир кардааст:

Ва тавба кунед ба сӯи Аллоҳ, зеро шумо дар адои ҳуқуқи Худованди мутаъол аз саҳву хато холи намебошед! Дар ҳама ҳолат тавбаро тарк накунед.

Ин оят дар Мадина нозил шудааст.

Худованди мутаъол аҳли имон ва беҳтарин ҳалқашро баъди имону сабрашон ва ҳиҷрату ҷиҳодашон, хитоб ба сӯи тавба кардааст.

Зеро тавба умеди наҷоту растагории тавбакунандагон аст. Тавба барои ту дар ҷавонию пири, дар фаррохию танги тӯшаест. Ӯ то дами марг аз ту ҷудо намешавад.

Худованди мутаъол моро ба сӯи тавба даъват дода мегӯяд:

﴿أَفَلَا يَتُوبُونَ إِلَى ٱللَّهِ وَيَسۡتَغۡفِرُونَهُۥۚ وَٱللَّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ﴿٧٤﴾﴾ [المائدة ٧٤]

«Ба сӯи Худо тавба намекунанд ва аз ӯ омурзиш наметалабанд ва Худо омурзандаву меҳрубон аст» Моида: 74

﴿أَفَلَا يَتُوبُونَ إِلَى ٱللَّهِ وَيَسۡتَغۡفِرُونَهُۥ﴿٧٤﴾﴾ [المائدة ٧٤]

Баён ва сарзаниш: Яъне ба Худованди мутаъол тавба намоянду сатри гуноҳонашонро бипурсанд.

Аз ин хотир Муҷоҳид раҳматуллоҳи алайҳ мегуфт:

Касе, ки ҳар субҳу шом тавба нанамояд, аз ҷумлаи золимон аст.

Абдуллоҳ бини Ҳабиб мегӯяд:

Ҳар вақто, ки шумо Худованди мутаъолро нофармони мекунед ҳаргиз тоқати ғазаби ӯро надоред, бинобар ин бояд ҳар шому саҳар тавба намоед.

Хоҳари мусулмон! Худованди бузург моро бар қабули тавба ва бахшиши гуноҳон ваъда намуда аст.

Аллоҳ таъоло мегӯяд:

﴿وَهُوَ ٱلَّذِي يَقۡبَلُ ٱلتَّوۡبَةَ عَنۡ عِبَادِهِۦ وَيَعۡفُواْ عَنِ ٱلسَّيِّـَٔاتِ ﴿٢٥﴾﴾ [الشورى ٢٥]

«Ва ӯ, он ки тавбаро аз бандагони худ қабул мекунад ва гуноҳонро мебахшад» Шуро: 25

Балки Худованд дарвозаҳои умедро бароямон боз намуда мефармояд:

﴿قُلۡ يَٰعِبَادِيَ ٱلَّذِينَ أَسۡرَفُواْ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمۡ لَا تَقۡنَطُواْ مِن رَّحۡمَةِ ٱللَّهِۚ إِنَّ ٱللَّهَ يَغۡفِرُ ٱلذُّنُوبَ جَمِيعًاۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلۡغَفُورُ ٱلرَّحِيمُ ٥٣﴾ [الزمر ٥٣]

«Бигӯ (аз тарафи ман)! Ай бандагони ман онон, ки зиёдати карданд бар нафсҳои худ ноумед мешавад аз меҳрубонии Аллоҳ. Ба таҳқиқ Аллоҳ меомурзад ҳама гуноҳонро (ҳар оина) ӯст омурзгору меҳрубон.» Зумар: 53

Ибни Касир ин оятро чунин тафсир кардааст:

Ин ояти карима барои ҳамаи гунаҳгорон, аз кофирон ва ғайри эшон, ба сӯи тавба даъват буда, хабар медиҳанд ин, ки Худованди мутаъол ҳамаи гуноҳонро барои ҳар шахсе, ки тавба намояду аз он даст кашад мебахшад, ҳар чанд, ки бисёр бошанд.

Аз ин оят чунин мафҳум бардоштанд, ки гуноҳ бидуни тавба низ бахшида мешавад. Аммо ширк барои касе, ки тавба нанамояд, бахшида намешавад.

Хоҳари мусалмон! Оё ин ояти илоҳи туро ба сӯи сидқ ва истодагарии комил дар тавба даъват наменамояд?

Пас чигуна ба сӯи Худо тавба наменамои!?

Аз гуноҳ ба зуди ва бардавом тавба кардан воҷиб мебошад.

Чаро тавба намекуни!?

Тавба роҳи соликон ба сӯи Худо ва тушай муъминон ба сӯи ҷаннат аст!

Чаро тавба наменамои!?

Ҳеҷ кас комёбу растагор нашуд, магар, ки ба сабаби тавба намудан, растагор гардид.

Чаро тавба наменамои!?

Марг ва сахтии ҷонкандан ва қабри торик дар интизор аст!

Чи тавр тавба намекуни, ки гузаштан аз сирот дар пеш аст.

Чаро тавба намекуни!?

Ҳозир шудан дар пешгоҳи Худованд туро интизор аст!

Чаро тавба наменамои!?

Дузах ва оташи тасфони он дар пеши рӯи туст!

Чаро тавба намекуни!?

Мехоҳи, ки ба ҷаннат дохил шави!!

Чаро тавба намекуни!?

Боз мехоҳи ҷамоли Худоро бубини!!

Ба сӯи тавба ва ихлос барои Худованди мутаъол бишитоб.